ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (372) 221-18-35 факс: (372) 221-75-25.

# ФАРМОИШ

аз 19.03 с.2015. № 235 ш. Душанбе

Дар бораи ворид намудани
протоколҳои клиникӣ
«Оид ба заҳролудшавии кӯдакон»
дар ҷумҳурӣ

Бо мақсади мутобиқ намудани стандартҳои миллии ташхису табобат ба талаботҳои байналмилалӣ, дар амалияи клиникӣ ворид намудани тибби муосир, кам намудани полипрагмазия дар табобати беморон ва ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи ташхису табобат дар сатҳи муассисаҳои тиббию профилактикӣ оид ба заҳролудшавии кӯдакон дар чорчӯбаи татбиқи нақшаҳои чорабиниҳои «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010, №368 ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди саломатии кудакон ва наврасон дар давраи то соли 2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №297 тасдиқ шудааст, тибқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Протоколҳои клиникӣ «Оид ба заҳролудшавии кӯдакон» бо номгӯи 6 адад тасдиқ карда шаванд (замима мешаванд).
2. Ба сардори Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила (Раҳматуллоев Ш. Р.) дар якҷоягӣ бо ректорони муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қурбон У.А., Аҳмадов А.А.), директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» (Набиев З. Н.), сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва ш. Душанбе (Некушоева Н., Маллазода С. Ҳ., Ваҳобов С., Муминов Б. Ғ.) ва сартабибони шаҳру

01 04 15

ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад, ки воридсозии протоколҳои тасдиқгардидаро дар амалияи клиникии муассисаҳои табобатии кӯдакона ва барномаҳои таълимии пойгоҳҳои клиникии кафедраҳои бемориҳои кӯдаконаи муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъмин намуда, оид ба рафти амалисозии он чорабиниҳои мониторингию баҳодиҳиро ташкил намоянд. Мӯҳлат доимӣ.

3. Ба сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила (Раҳматуллоев Ш. Р.) дар якҷоягӣ бо директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» (Набиев З. Н.), супориш дода шавад, ки барои ба миқдори зарури нашр кардани протоколҳои клиникӣ «Оид ба заҳролудшавии кӯдакон» дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои кӯмакрасон чораҳои зарурӣ андешанд. Мӯҳлат нимсолаи аввали соли 2015.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Бобоҳоҷиева Л. С. гузошта шавад.

БАРОИ ФАРМОНҲО / ДЛЯ ПРИКАЗОВ

Вазир Н. Салимзода

ДУРУСТ